**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
______________________
«____»____________ соли 2023

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Абдуллозода Аҳтам Рустам соли 2002 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси фаъолияти ҳуқуқи байналмилалӣ хатм намудааст.

Абдуллозода А.Р. дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 15 январи соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобозода Умед.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:

Унвонҷӯ Абдуллозода А.Р. мубрамияти мавзуи таҳқиқотро бо он асоснок мекунад, ки бо баробари эълон гардидани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муносибатҳои бозорӣ рушд ёфта, имкониятҳои васеи ҷалби сармояи хусусӣ барои таъмини иқтидори устувори иқтисодиёти кишвар ва барқарор намудани ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, махсусан тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ фароҳам оварда шуд.

Рушди муносибатҳои бозорӣ ва ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хусусӣ ба иқтисодиёти кишвар ва барқарор намудани ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, махсусан тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ имкониятҳои васеъро фароҳам овард. Дар давраи баъдибуҳронӣ, ки ба

воқеаҳои маълуми солҳои 90-уми асри XX алоқаманд аст ва ҳангоме, ки аксарияти соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба ҷалби сармоя, истифодаи самараноки моликияти давлатӣ, аз ҷумла захираҳои табиӣ тавассути истифодаи воситаҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва техникии бахши хусусӣ эҳтиёҷ дошт, истифодаи чунин шакли ҳамкорӣ аҳамияти махсусро касб намуд. Вале, бинобар мавҷуд набудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи бастани шартномаҳои консессионӣ натавонист хусусияти оммавӣ пайдо намояд, ки дар ниҳояти кор фаъолнокии раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ эҳсос гардид.

Танҳо пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» дар соли 1997 ва баъдан дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни мазкур дар соли 2011 дар кишвари мо расман ин шакли шарикии давлативу хусусӣ симои қонунӣ пайдо намуд, ки аз иродаи сиёсии давлат барои гузаштан ба сатҳи нави ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ шаҳодат медод.

Аз ҷониби муаллиф Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, муҳиммияти ин санадҳои ҳуқуқӣ, ҳамчун сарчашмаи рушди қонунгузории соҳаи консессионӣ бамаврид баҳогузорӣ гардидааст. Махсусан, дастури Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2010 вобаста ба муҳайё намудани фазои озодии ҳуқуқӣ бобати рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва мукаммал намудани механизми ҳамкории бахши давлативу хусусӣ дода шуда буданд, ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» дар таҳрири нав мусоидат кард.

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар баробари мавҷуд будани мушкилоти самти қонунгузорӣ, сабабҳои муҳими рушд наёфтани соҳа маҳз асосноккунии ками илмии шартномаҳои консессионӣ, набудани таҳқиқоти ҳаматарафаи паҳлуҳои асосии ҳамкории консессионии давлат бо бахши хусусӣ, ба таври зарурӣ ҳал нагардидани масоили ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими шартномавии консессия, номуайянии қонунгузории консессионӣ дар низоми умумии ҳуқуқии ҷумҳурӣ, кӯшишҳои камсамари дарёфти роҳҳои рушди минбаъдаи фаъолияти консессионӣ, ташаккул наёфтани нуктаи назари доктринаи ягона дар бораи шартномаҳои консессионӣ ва ғайраҳо маҳсуб ёфта, дар маҷмуъ таҳқиқоти илмии мазкурро боз ҳам мубрам мегардонанд.

Бинобар таъкиди унвонҷӯ таҳқиқоти илмии мавзуи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» дар марҳилаи кунунии пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои бунёдии ҳуқуқи маданӣ аз ҷумла, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин, сарчашма ва адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ шаҳодат медиҳад, ки то

имрӯз вобаста ба мавзуи мазкур дар самти илми ҳуқуқшиносии кишварамон таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ё монография анҷом дода нашудааст. Аммо баъзе масоили алоҳидаи танзими ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ аз ҷониби олимони ватанӣ, аз ҷумла Ш. Менглиев, Н. Шонасридинов, У. Бобозода, М. Раҷабзода, Ф. Сулаймонов, Н. Тоҳиров, Ҷ. Муртазозода ва дигарон таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Ҳамзамон масъалаи мазкур дар корҳои илмии олимони хориҷӣ, аз ҷумла Бухарин Н.И., Шретер В.Н., Ландау Л.Г., Варнавский В.Г., Котов В.В., Доронин Н.Г., Мороз С.П., Сосна С.А. ва дигарон ба таври амиқ таҳқиқ карда шудаанд.

Муҳаққиқ мавзуи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд»-ро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, мафҳуми «шартномаҳои консессионӣ»-ро ба маънои субъективӣ ва объективӣ пешниҳод карда, нақши онро дар рушди низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар муҳим арзёбӣ намудааст. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур унвонҷӯ як қатор хулосаҳои илмӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш кардааст.

Ҳадафҳои пажуҳиши диссертатсионӣ пеш аз ҳама таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ҳуқуқии масъалаҳои назариявӣ ва амалии шартномаҳои консессионӣ дар иртибот ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи миллӣ ва хориҷии консессионӣ бо дарназардошти самаранокии истифодаи моликияти дар ихтиёри давлат қарордошта, инчунин таҳияи пешниҳодоти консептуалӣ барои ҳалли мушкилоти ошкоршуда мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои зикршуда аз ҷониби муаллиф иҷрои вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шудаанд:

- таҳқиқ ва муаррифии самаранокии шартномаҳои консессионӣ ҳамчун шакли муносибат байни давлат ва сармоягузории хусусӣ, инчунин муайян намудани заминаҳои танзими ҳуқуқии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили заминаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- гузаронидани таҳлили нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ бо дарназардошти ба таври васеъ кушодани мафҳум ва хусусияти ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ;

- муайян намудани хусусиятҳои таркиби субъектони шартномаи консессионӣ ва тавсифи он аз нуқтаи назари иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ;

- шарҳи хусусиятҳои бастани шартномаи консессионӣ бо дарназардошти таваҷҷуҳи афзалиятнок ба интихоби озмунии консессиядор;

- гузаронидани таҳлили муқоисавии шартномаи консессионӣ бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи он;

- муайян кардани номгӯй, ҳаҷми ваколат ва вазифаҳои субъектҳои муносибатҳои консессисонӣ;

- таҳқиқи масъалаи кафолатҳои ҳуқуқи консессиядор тибқи шартномаи консессионӣ;

- муайян намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо тибқи шартномаи консессионӣ;

- таҳия намудани пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва тавсиявӣ ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъмини самаранокии татбиқи онҳо дар соҳаи фаъолияти консессионӣ.

Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси илмӣ ташкил додаанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ, аз қабили усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез истифода бурда шудааст. Усулҳои махсуси илмии дар рисола истифодашуда, усулҳои мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мебошанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳои муаллиф, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ ва пажӯҳиши таърихӣ-назариявии «шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои таърихӣ-назариявии шартномаи консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар пажӯҳишҳо ва омӯзиши минбаъдаи шартномаи консессисонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди қонунгузорӣ – ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мукаммал намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаи консессисонӣ, ҳамчунин дар раванди таълим – барои омода намудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳо оид ба ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, таълими фанҳои дахлдори таълимӣ, баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиши шартномаи консессионӣ махсусан ба донишҷӯён ва такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ истифода намуд.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илман асоснокшуда, интишороти илмӣ, ки бо бевосита аз ҷониби муаллиф омода карда шудаанд, бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ исботи худро ёфтаанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 1 монография ва 12 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[1–М].** Абдуллоев А.Р. Проблемы законодательства Республики Таджикистан о концессиях // Матн / А.Р. Абдуллоев / Известия Академии наук Республики Таджикистан.- Душанбе, 2010, - №4, С – 54-58.

**[2–М].** Абдуллоев А.Р. Понятие и правовая природа концессионного соглашения // Матн / А.Р.Абдулоев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе, 2011, -№2(66) – С.173-179.

**[3–М].** Абдуллоев А.Р. Баъзе масъалаҳои таносуби шартномаҳои консессионӣ бо шартномаҳои ба ҳам алоқаманд // Матн / А.Р.Абдуллоев / Қонунгузорӣ. -Душанбе, 2019, - №3 (47) - С.54-59.

**[4–М].** Абдуллозода А.Р. Баъзе масоили назариявии татбиқи ҳуқукии шартномаи консенссионӣ / Матн / А.Р.Абдуллоев / Қонунгузорӣ. - Душанбе, 2022. – №3 (47) – С. 29-36.

**[5–М].** Абдуллозода А.Р. Моҳияти кафолатҳои ҳуқуқҳо дар шартномаи консенсионӣ: таҳлили ҳуқуқию амалӣ // Матн / А.Р.Абдуллоев / Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2022. – №4,– С. 126-131.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

**[6–М].** Абдуллоев А.Р. Правовая природа концессионных соглашений//Матн/ А.Р.Абдуллоев / Проблемы развития гражданского законодательства Республики Таджикистан.-Душанбе, 2009.-С.414-429.

**[7–М].** Абдуллоев А.Р. Инкишофи қонунгузории консессионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ // Матн / А.Р.Абдуллоев / Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолият. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20 –умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2011. - С.260-271.

**[8-М].** Абдуллоев А.Р. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ // Матн / А.Р.Абдуллоев / (зери таҳрири Бобоев У.Х.). – Душанбе, 2011. 362 саҳ.

**[9-М].** Абдуллоев А.Р. Развитие концессионных договоров в Республике Таджикистан // Матн / А.Р.Абдуллоев / Давлат ва ҳуқуқ. - Душанбе, 2012, - №1.- С. 36-42.

**[10–М].** Абдуллоев А.Р. Субъекты концессионных правоотношений Становление гражданского законодательство Республики Таджикистан // Матн / А.Р.Абдуллоев / Юбилейный сборник научных статьей, посвященных десятилетию кафедры гражданского права Российско-Таджикского университета – Душанбе, 2012. – С. 326-342.

**[11-М].** Абдуллозода А.Р. Баъзе масоил ва хусусиятҳои бастани шартномаи консессионӣ // Матн / Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон 9 декабри соли 2022.

**[12-М].** Абдуллозода А.Р. On the issues of the entitlemens and obligation of the concession agreemen // Матн / А.Р. Абдуллозода / Proceedings of the 2nd International Scientifis and Practical Conferenct DIVERSITY AND INCLUSION INSCIENTIFIC AREA, Warsaw Poland 26-28.01. 2023, Scientific Collection «InterConf» №140 January, 2023. C. 425-434.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи «Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки 12 нафар ва тарафдории 12 нафар қабул карда шуд. Суратмаҷлиси № 07 аз 26 январи соли 2023.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қодиров Н.А.

**Котиби ҷаласа:** Одинаева З.Ҷ.

Имзои Қодиров Н.А. ва Одинаева З.Ҷ.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«26» 01 2023